**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Фархудинов Ҷамшед Исроилович дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

Рисолаи интихобнамудаи Фархудинов Ҷамшед Исроилович ба яке аз масъалаҳои актуалӣ бахшида шудааст. Чунки имрӯзҳо институти суғурта яке аз унсурҳои муҳими ҷомеъаи муосир ба шумора рафта дар раванди муносибатҳои муҳими ҷамъияти нақши назаррасро касб намуда, на танҳо зарари расонидашударо талофи мекунад, балки ҳамчун сарчашмаи мукаммали иқтисодӣ барои рушди сармоягузории соҳа аҳаммияти муҳим дорад.

Институти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ имконият фароҳам меоварад, ки заминистифодабаорандагон қитъаи замини дар ихтиёрашон доштаро самаранок истифода намоянд. Зеро аз ин категорияи замин, иҷрои яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар вобастагии зич дорад.

Чуноне, ки муаллиф дуруст қайд мекунад, хоҷагидорӣ нисбат ба дигар самтҳои истеҳсолии хоҷагии халқ яке аз соҳаҳои хавфноки истеҳсолӣ ба ҳисоб мераванд. Чунки, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар баъзан маврид қисме аз хоҷагидорон ҳосили дилхоҳе, ки аз қитъаи замин дар назар доранд, гирифта наметавонанд, ки ба фаъолияти минбаъдаи онҳо таъсири манфӣ расонида, хоҷагидоронро дар мавсимҳои кории оянда ҳавасманд намегардонад. Муаллиф ин ҳолати хоҷагидоронро таҳлил намуда чунин

хулосабарори мекунад, ки дар шароити кунуни ба даст наовардани ҳосили дилхоҳ сабабу омилҳои гуногун дорад ва онҳоро шартан ба субъективӣ ва объективӣ ҷудо кардааст, ки то андозае баҳснок мебошад. Зеро фаъолияти хоҷагидорон на танҳо аз ин ду омил иборат мебошад, балки дар ин ҷо омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва техникӣ низ аз аҳамият холи намебошад.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионии Фархудинов Ҷамшед Исроилович ба мубрамияти мавзуи тадқиқшаванда такя намуда, ҳадафи асосиаш талофи кардани зарари ба миён омада, муҳайё намудани шароити хоҷагидорон ва устувор нигоҳ доштани фаъолияти минбаъдаи онҳо равона шудааст.

Тадқиқоти гузаронидашуда яке таҳқиқотҳое ба ҳисоб меравад, ки дар он ҷанбаҳои назариявӣ, таъриxиву ҳуқуқӣ, молиявию иқтисодӣ ва дигар паҳлуҳои нозуки он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Сохтори диссертатсия аз фаеҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, дар он мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот пурра фаро гирифта шудааст.

Муаллиф тавонистааст, ки мавзӯи тадқиқотро бо риояи талаботҳои муқарраршуда дар сатҳи баланд омода намуда натиҷаҳои илмӣ ва тавсияҳое, ки барои рушди низоми хизматрасониҳои суғуртавӣ дар кишвар зарур аст, иброз намояд.

Дар диссертатсия якчанд, масъалаҳои баҳснок ба назар мерасад, аз ҷумла муаллиф ҳангоми таҳлили масъалаҳои суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ якчанд таҷрибаи кишварҳои хориҷиро дар самти суғуртакунии соҳаи мазкур мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, лекин нисбат ба низоми суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар кишвар ба хулосаи дақиқ наомадааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии анҷомёфта, ягонагии дохилӣ ва сатҳи баланди навгонии илмӣ дошта, натиҷаҳои он ба рушди низоми хизматрасониҳои суғуртавӣ, қонунгузории миллӣ, илмҳои иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ, молия, кишоварзӣ баланд арзёбӣ гардида, метавонад дар оянда

дар раванди таълим ҷиҳати омода намудани мутахассисони соҳа ва дар маҷмӯъ дар доираи васеъи субъектони манфиатдор истифода шаванд.

Эродҳое, ки дар боло зикр шуда аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба муҳтавои илмии диссертатсия ва автореферат таъсири манфӣ намерасонанд.

Автореферати диссертатсионии Фархудинов Ҷамшед Исроилович ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании,**
**факултети ҳуқуқшиносии ДСРТ** **Қодиров Ш.Қ.**

**Имзои Қодиров Ш.Қ. -ро тасдиқ менамоям:**

**Сардори раёсати кадрҳои ДСРТ** **Раҳимов А.А.**

18.05.2024

**Суроға: 734025 ш. Душанбе**
**кӯчаи М.Турсунзода, 30**
**Тел.: (+992 37) 221 35 50, email: http://www.rtsu.tj**